(9) نوشته ژاله درباره حافظ

# ИШҚИ ҲОФИЗ

ШАШСАДУ панҷоҳ сол аст, ки Хоҷа Ҳофиз дар зодгоҳи таърихии худ ва дар саросари ҷаҳон дӯстдорони бешумор дорад.

Ин шоистатарин фарзанди ҳунарманди асри чаҳордаҳ бо гомҳои баланд ва хушоҳанги худ аз миёни асрҳое гоҳ хуфтаю гоҳ барошуфта гузаштааст ва имрӯз дар сафи бузургтарин суханварони ҷаҳон дар дунёи мо зиндагӣ мекунад ва пас аз чанд гоҳе наслу асри моро пушти сар гузошта, бо сурудаҳои ҷовидонии худ ба сӯи наслҳою асрҳои дури оянда пеш хоҳад рафт.

Роҳи ҷовидонии Ҳофиз дар инсондӯстӣ ва инсоншиносии бемонанди ӯст. Ҳофиз як бор барои абад ба аъмоқи пурсояю раашанои рӯҳи инсонӣ роҳ ёфт, онро тасхир кард ва ҳазорон рангу оҳанги ошнoю ноошнои онро дар оинаи дурахшони шеъри худ мунъакис сохт. Аз ин рӯст, ки ҳар касе дар ҳар асру бо ҳар имону эътиқоде, ки дошта бошад, гӯшае аз ҳолати рӯҳию тобиши орзуҳои худро ҳатман дар шеъри Ҳофиз хоҳад ёфт. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки Ҳофиз аз тарафи мардуми қарнҳои гузашта «лисонулғайб» лақаб ёфтааст. Аммо дар ҳақиқат шеъри Ҳофиз суруди зиндагии заминӣ ва зебоиҳои он мусиқии рӯҳи инсон аст.

Дар ҷашни 650-солагии ин нобиғаи ғазалсаро шоҳиди иди шукӯҳманде будам, ки саросари Тоҷикистонро фаро гирифта буд. Аввалин бор чеҳраи малакутии Ҳофиз, шӯру ғазабу ҳайрати ӯ, бодонӯшӣ ва дастафшонии вайро рӯи саҳнаи театри Лоҳутӣ дидам.

Ду шаб дар кӯи харобот дар ҷои сутунҳою маҷмаҳои хаёлангези тахти Ҷамшед, ки азамати даврони шоирро ба ёд меовард, бо Ҳофиз ба сар бурдам, бо шоире, ки шӯҳраи шаҳри ишқварзидан аст. Яъне ишқ варзидан бар парвози афсонаомези симурғи ғазал, ишқ ба покию бепарвоӣ. Ҳофиз доим дар талошу ҳаракат барои ҷустуҷӯи ин ишқи бузурги осмонию заминист. Ман сояи чунин шоирро рӯи саҳна дар вуҷуди ҳунарпеша Маҳмуд Воҳидов дидам ва ба ӯ офарин гуфтам. Аммо аз тарафе дар шигифтам, ки Маҳмудҷон чигуна шодиҳою сархушиҳои даврони ҷавонии шоирро аз ёд бурд ва ишқи зиндагии ӯро бо соқию бода, ки оинаи андешаҳои фалсафии даврaи такомули умр ва шояд пирии вай бошанд, оғоз кард. Ҳамон ҷое, ки қисми дуйӯми «Соқинома» иҷро шуд, агар поёни намоиш хонда мешуд, беҳтар мебуд.

Аз тарафи дигар, пеш аз он ки тамошогарон ба Ҳофиз рӯ ба рӯ шаванд, шеъри шоири бузург Ҷомиро дар васфи сухан мешуниданд, беҳтар мебуд ва овардани он хеле баҷо мешуд. Аммо модом ки чунон шеър дар даст нест, оё беҳтар набуд, ки намоиш аз аввал бо шеъри худи Ҳофиз оғоз мешуд.

Нағмаҳои мусиқӣ бо ғазалиёти Ҳофиз ҳамоҳангии комил доранд ва шунавандаро хоҳ нохоҳ ба дунёи рангорангу бекарони шоир мебаранд. Мо медонем, ки тахаллуси Ҳофиз яке ба сабаби он буд, ки Қуръонро аз ҳифз медонист ва дигар он ки шоир мусиқидон ва сарояндаи ашъори тавъам бо мусиқӣ будааст ва дар асри ӯ овозхон ва касеро, ки шеърро ба оҳанги мусиқӣ месароидааст, ҳофиз меномидаанд (доктор Зарринкӯб дар китоби «Аз кӯчаи риндон» ва тадқиқгарони дигар ба ин матолиб ишора мекунанд).

Чунон ки мебинем, имрӯз ҳам дар Тоҷикистон овозхонон ва онҳоеро, ки ашъорро бо мусиқӣ месароянд, ҳофиз мегӯем ва шояд ин унвони пурифтихор ба ёдгорӣ бошад аз шоири барҷастаи Шарқ, ки ҳанӯз боқӣ мондааст.

Ба ҳар ҳолу хати ғазалҳои Ҳофиз ҳамроҳ оҳангҳои мусиқӣ ба гӯш мерасид ва ин нуктаи таърихиро аз саргузашта шоир ба ёд меовард.

Равшан аст, ки рақс ҳам аз мусиқӣ ҷудо нест ва дар шеъри Ҳофиз рақси соқӣ, рақси моҳу ситораҳо, пойкӯбию дастафшонии риндон ба ёр дида мешавад.

Гавҳар Мирҷумъаева бо ҳаракати нарми андоми зарифи худ тавонистааст рӯҳи шеъри Ҳофизро хуб эҳсос кунад ва ба дигарон нишон бидиҳад.

Ин нақши рамзолуди шоирона ҳам намудори чеҳраи зани дақиқшавки зебои заминист, ҳам дарачаест ба дунёи розолуди маъшуёту орзуҳои шоир. Ҳам илҳом аст ва ҳам даъват барои шод зистану офаридан.

Вақте шоир дар зери гунбади азими масҷиде, ки нишони маҳдудиятҳои мазҳабӣ ва иҷтимоии қуруни васатист, аз зулми ҳаком, ки зулмати шаби ялдост, менолад ва барои ёфтани роҳи халосӣ ба ҳар тарафе медавад, он вақт суруши ғайбие бо сабукболии паррандагон мерасад ва парвоз мекунад, ба суроғи шоир шитофта ӯро аз муҳити танг озод карда, ба сӯи ояндаи бузурги башарӣ пеш мебарад.

Шоир аз тамошои ин эъҷози илҳом ба ваҷду сурур меояд ва ҳайрону маҷзуб ором-ором каф мезанаду шодӣ мекунад.

Ин қисмату саҳнаи риндонаи Ҳофиз аз беҳтарин қисматҳои намоиш аст. Дар ин ҷо Маҳмуд Воҳидов ба авҷи тавфиқ мерасад.

Маҳмуд 29 ғазали Ҳофиз ва «Соқинома»-и ӯро хонд, ки агар иштибоҳ накунам, каму беш дар ҳудуди ҳаштсад мисраъ буд. Аз бар хондани ин ҳама ғазал дар як ҷо ва бозӣ кардани осоре, ки мавзӯи муштараку воҳид надорад, кори осон нест. Маҳмуд дар шаби аввал фақат як шеърро аз ёд бурд, ки танҳо касе, ки ғазалиёти Ҳофизро хуб мешиносаду медонад, тавзеҳи он мешавад.

Бидуни ин, лаҳзаи шеъргӯии шоир чандон табиӣ нест. Ҳофиз вақте хост шеър гӯяд, пушти миз нишаст, аввал як ғазалро тамом хонд ва пас онро дар дафтар навишт. Шоирон медонанд, ки шеър сурудан ва навиштан он қадар осон нест, ки ҳунарпеша дар назар дорад. Инчунин, гумон меравад, дар замони Ҳофиз ҳам мидод вуҷуд надоштааст ва бояд қалами ӯ най мебуд.

Албатта, ин нуқот наметавонад мақоми Маҳмуд Воҳидовро дар нақши Ҳофиз кам кунад. Ҳунарпешаи боистеъдод ғазалиёти Ҳофизро аз лиҳози вазни арӯзии онҳо ва адои калимот дуруст хонд ва дар ин нукта кӯмаки самимонаи шоир Мӯъмин Қаноатро, ки барои тайёр кардани чунин як намоиши шоиста бо ӯ ҳамкорӣ кардааст, набояд аз ёд бурд.

«Ишқи зиндагӣ» поёнпазир нест. Пас намоиши он ҳам бояд пардаю поён надошта бошад.

Замину осмон гардиш мекунанду сайри ҷовидонии худро идома медиҳанд ва шоири барҷастаи асрҳою наслҳо—Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳамроҳи ин гардиши азим ба сӯи абадият пеш меравад.

Жола БАДЕЪ.

## Мулоқоти



